# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ФАРМОИШ

аз «29» июни соли 2021 № 243/ои ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА-045 Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм ба Ғаниева Малика Абдуқодировна дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ дар раванди таҷрибаомӯзии пленэрӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (санъати тасвирӣ) бинобар риоя нагардидани талаботи банди 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва Дастурамал дар бораи санҷиши диссертатсияҳо оид ба мавҷуд будани асардуздӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №5/7) бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Ғаниева Малика Абдуқодировна рад карда шавад.

3. Баррасии такрории диссертатсияи Ғаниева Малика Абдуқодировна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ тибқи муқарарот ба роҳ монда шавад.

4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.

5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2021, №6.

Раис Розиқзода А.